# ФАРМОИШИ
# ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «30» 12 соли 2025 № 1533 ш. Душанбе

Дар бораи Нақшаи чорабиниҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати амалӣ намудани Нақшаи амали Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар солҳои 2025-2027

Бо мақсади иҷрои Нақшаи амали Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар солҳои 2025-2027, мутобиқи моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва банди 11 Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №145 тасдиқ гардидааст, ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Нақшаи амали Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар солҳои 2025-2027 ҷиҳати иҷро ба роҳбарӣ гирифта шавад.
2. Нақшаи чорабиниҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои Нақшаи амали Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар солҳои 2025-2027 тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
3. Сардорони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказии вазорат ва роҳбарони муассисаҳои тобеи он, ректорон ва директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи умумӣ уҳдадор карда шаванд, ки иҷрои нақшаи чорабиниҳои мазкурро таъмин намуда, ҳар сол то 10 январ ба Вазорати маориф ва илм аз натиҷаи иҷрои он маълумот пешниҳод намоянд.
4. Раёсати илм ва инноватсия (А. Раҳмонзода) уҳдадор карда шавад, ки нусхаи фармоиши мазкурро дастраси сардорони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказии вазорат ва роҳбарони муассисаҳои тобеи он, ректорон ва директорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи умумӣ гардонида, аз натиҷаи иҷрои нақшаи чорабиниҳои мазкур ҳар сол то 1 феврал ба Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намояд.
5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми вазир Ҳомид Ҳошимзода ва муовинони вазир Равшан Каримзода, Лутфия Абдулхолиқзода, Бадриддин Музаффарзода гузошта шавад.

Асос: Нақшаи амали Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар солҳои 2025-2027.

Вазир Раҳим Саидзода

Муовини якуми вазир
Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус
Раёсати илм ва инноватсия
Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ

Бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12 соли 2025, № 1553 тасдиқ шудааст

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * РАЁСАТИ КАДРҲОИ ВА КОРҲОИ МАХСУС

Нақшаи чорабиниҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
оид ба амалишавии Нақшаи амали Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии
иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар солҳои 2025-2027

| № | Чорабиниҳо | Мӯҳлати иҷро | Иҷрокунандагон | Масъулон |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Муқаррар намудани маҷмуи чораҳо оид ба ҳавасмандгардонии ҳамкории корхонаҳои саноатӣ, муассисаҳои илмӣ, ташкилотҳо ва субъектҳои хоҷагидорӣ бо муассисаҳои таълимӣ барои ташаккули насли нави барномаҳои таълимӣ, амалия ва арзёбии натиҷаҳо ва малакаҳо (банди 54 ҳукуматӣ) | 2025-2027 | Раёсатҳои илм ва инноватсия, таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Ҳ. Ҳошимзода, Л. Абдулхолиқзода, А. Раҳмонзода, Ҳ. Саидзода, Ш. Сафаров, С. Ниёзӣ, ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 2 | Ворид намудани мутобиқшавии тағйирёбии иқлим ва ҳамгироии масъалаҳои ҳамкории байналмилалии илмию техникӣ ба Стратегияи миллии рушди илм ва технологияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (банди 55 ҳукуматӣ) | 2025-2027 | Раёсатҳои илм ва инноватсия, таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, муносибатҳои байналмилалӣ | Ҳ. Ҳошимзода, Л. Абдулхолиқзода, А. Раҳмонзода, Ҳ. Саидзода |
| 3 | Гузаронидани тадқиқотҳои маҷмуӣ дар самти муҳоҷират вобаста ба тағйирёбии иқлим дар заминаи муассисаҳои | 2025-2027 | Раёсатҳои илм ва инноватсия, таҳсилоти олии касбӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ | Ҳ. Ҳошимзода, Р. Каримзода, Л. Абдулхолиқзода, А. Раҳмонзода, |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ (банди 57 ҳукуматӣ) | | | Ш. Асомиддинзода, Ҳ. Саидзода |
| 4 | Ворид намудани омӯзиши масъалаҳои тағйирёбии иқлим дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ мувофиқи стандартҳои байналмилалӣ (банди 59 ҳукуматӣ) | 2025-2027 | Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | Л. Абдулхолиқзода, Ҳ. Саидзода, ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ |
| 5 | Ворид намудани стандартҳои муосири сохтмон, таҷдид ва таъмири асосии биноҳои муассисаҳои таълимӣ бо дарназардошти таъмини фарогирӣ, ҷорӣ намудани ТИК, талаботи амнияти иҷтимоӣ ва эпидемиологӣ, устуворӣ ба заминҷунбӣ, амният аз офатҳои табиӣ ва таҳдидҳои иқлим (банди 60 ҳукуматӣ) | 2025-2027 | Раёсатҳои сохтмони асосӣ, иқтисод, таҳсилоти миёнаи умумӣ, маркази ҷумҳуриявии таҳлил, иттилоот ва технологияҳои рақамӣ | Б. Музаффарзода, Р. Каримзода, Б. Файзуллозода, Ш. Асомиддинзода, К. Муҳаммадраҷабзода |

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС